*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография**

Дар шароити ҷой доштани мушкилоти барзиёдии қувваи корӣ нисбати ҷойҳои корӣ, масоили марбут ба рушди бозори меҳнат мубрам дониста мешавад. Аз ин рӯ, мавзӯи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ» аз ҷумлаи таҳқиқотҳои муҳим ва доғи рӯз мебошад. Алалхусус, гузариш ба иқтисодиёти навин талаботи босуръати рақамикунонӣ, технологияҳои пешрафта ва сармояи инсониро ба миён оварда, такмили низоми шуғл, баланд бардоштани тахассусмандиии кадрҳо ва мутобиқсозии бозори меҳнатро ба воқеиятҳои нави истеҳсолӣ тақозо мекунад. Бо назардошти нуктаҳои қайдгардида, таҳқиқоти диссертатсионӣ моҳияти баланди назариявию методологӣ ва амалӣ дорад.

Муаллиф қайд менамояд, ки муносибатҳои меҳнатӣ дар ҳар давру замон, вобаста ба низоми иқтисодии амалкунанда ва хусусияти таъсири омилҳои дохилию берунӣ, сифатан дигаргун мешаванд, бинобар ин, идоракунии бозори меҳнат низ махсусияти худро пайдо менамояд. Воқеан, нуктаи назари муаллиф дуруст, чунки зери таъсири низоми омилҳо ва механизмҳои амалкунандаи пешбурди фаъолияти бозори меҳнат, чунин ҳолатҳо ҳисшаванда мебошанд.

Дар ҷои дигар муҳаққиқ ишора мекунад, ки барои такмили бозори меҳнат дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ зарурат ба омӯзиши ҷанбаҳои нави бозори меҳнат ва механизми фаъолияти он пеш меояд. Нуктаи назари пешниҳодшуда бо мавқеи илмии А.К. Қурбонов асоснок карда шудааст. Роҷеъ ба ин масъала Қурбонов А.К. иброз медорад, ки фаъолияти босамари бозори меҳнат амалкарди маҷмуи механизмҳои бозориро, ки барои фаъолияти мӯътадили бозори меҳнат мусоидат менамояд, талаб мекунад.

Дар қисмати таҳлилии таҳқиқот ҳолатҳои зерин ошкор карда шудааст: а) афзоиши ҳадди аксари кормандони кироякор; б) афзоиши миёнаи кормандони кироякор; в) афзоиши ҳадди ақали кормандони кироякор; г) тағйироти манфии кормандони кироякор. Қайд карда мешавад, ки дар вилоят ноҳияҳое мавҷуданд, ки новобаста ба афзоиши шумораи аҳолиашон (аз ҷумла аҳолии қобили меҳнат), шумораи кормандони кироякори онҳо коҳиш ёфтааст, ки нигаронкунанда аст. Ин ҳолат дар ноҳияҳои А. Ҷомӣ ва Қубодиён ба чашм мерасад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсия дорои норасоиҳо низ мебошад, аз ҷумла:

1.Дар сатҳи қаноатбахш таҳлил нагардидани баъзе маълумоти рақамии ҷадвалу диаграммаҳо.

2.Бо тартиби мантиқӣ таҳия нагардидани давраҳои таҳлилӣ дар диаграммаи 2.

Камбудиҳои қайдгардида моҳияти илмии таҳқиқоти диссертатсиониро халалдор намесозанд, чунки онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд ва ба инобат гирифтанашон дар корҳои илмии оянда аз манфиат холӣ нест.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Шералии Сайдалӣ дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)», ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, натиҷаҳои илмии муҳиму асоснокро дар бар мегирад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти**
**кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва**
**ва аудити Донишгоҳи давлатии Кӯлоб**
**ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** **Куганов Н.**

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва
ва аудит Куганов Неъмат-ро тасдиқ мекунам.

**Сардори Раёсати кадрҳо,**
**ва корҳои махсуси ДДК ба номи А.Рӯдакӣ** **Давлатзода М.А.**